Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ Давлатов Алиҷон Азизбекович – доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба диссертатсияи Исоев Диловарҷон Талисович дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм

Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит бандҳои: 1.6. Мутобиқгардонии низомҳои гуногуни баҳисобгирии бухгалтерӣ, мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ; 1.7. Баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар корхонаҳои шакли ташкилӣ-ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо; 1.8. Хусусияти ташаккули ҳисоботи бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар соҳаҳо, минтақаҳо ва дигар сегментҳои фаъолияти хоҷагидорӣ; 1.12. Трансформатсияи ҳисоботи молиявии миллӣ бо талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва стандартҳои дигар давлатҳо; 2.11.Назария ва методологияи таҳлили молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ ва маркетингӣ мутобиқатмекунад.

## Мубрамияти мавзуи диссертатсия

Дар шароити муосир масъалаи таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботҳои молиявӣ дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ хеле муҳим мебошад. Тули солҳои охир мавзуи илмӣ дар самти такмили ҳисоботи молиявии бонкҳо хеле мубрам гардидааст. Пеш аз ҳама ин бо он алоқаманд аст, ки низоми бонкӣ дар низоми молиявии давлат нақши муҳим ва хосе дорад. Дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ тарзи пешниҳоди ҳисоботи молиявии бонкҳо низ такмилталаб буда, истифодабарии СБҲМ-ро тақозо менамояд. Истифодаи СБҲМ дар фаъолияти кории ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла бонкҳо имкон

медиҳад, ки раванди идоракунии молиявии бонк осонтар, шаффофтар ва самараноктар гардад.

Чӣ тавре ки дар паёми худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ қайд карда будан: “..... ҷиҳати гузариш ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, ба таври пурра татбиқ намудани барномаҳои муосири баҳисобгирии амалиёти молиявӣ ва васеъ ҷорӣ кардани рақамикунонӣ дар соҳа чораҳои судманд андешад.”

Аз инҷост, ки масъалаи такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, ҷорӣ намудани муқаррароти нав ва мутобиқ намудани онҳо ба шароити фаъолияти бонкҳо ба таври доимӣ муҳим мебошанд. Маҳз стандартҳои байналмилалӣ ягона воситаи муассири таъмини шаффофияти ҳисоботи молияви бонкҳо, фароҳам овардани имкониятҳо барои ифшои фаъолияти онҳо, арзёбии воқеии вазъи молиявии бонкҳо ва хавфҳои ба он алоқаманд, инчунин механизми таъмини рақобатпазирӣ мебошанд.

Бонкҳо дар заминаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар вақтҳои муқарраргардида, ҳисоботи ҳатмии молиявӣ омода намуда, ба мақомоти дахлдори назоратии соҳаи бонкдорӣ пешниҳод менамоянд. Таҷриба нишон медиҳад, ки бонкҳо аз соли 2004 ҳисоботи молиявии худро вобаста ба талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲБ) тартиб медиҳанд. Ҳисобот аз руйи СБҲМ, метавонад барои назорат ва идоракунии корпоративӣ истифода карда шавад, аммо барои доираи васеи истифодабарандагон дастрас нест.

Дар шароити муосир ягон шакли самараноки ҳисоботи молиявии аз руйи мазмун ва муҳлат мавҷуд нест, ки тамоми истифодабарандагони беруниро фарогир бошад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ набудани тарзи дуруст, пурра, мукаммали ҳисоботи молиявӣ барои истифодабарандагон, саҳмдорон, менеҷерон тақозо менамояд, ки ин низом такмил дода шавад. Вобаста ба гуфтаҳои боло қайд намудан мумкин аст, ки мавзуи интихобнамудаи муаллифи диссертатсия мубрам буда, пешбурди таҳқиқот дар ин самт саривақтӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд** дар асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ, таҳияи тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба такмили таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ зоҳир мегардад.

Ба ақидаи мо диссертатсия натиҷаҳои назарраси илмӣ доранд, ки дорои унсурҳои навгонӣ мебошад ва барои мукаммалгардонии ташкили ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ истифода мешавад.

Натиҷаҳои назаррасе, ки муаллиф дар диссертатсия пешниҳод намудаанд дар чунин бандҳои навгонӣ зуҳур меёбанд, ки инҳоянд:

• Зарурати гузариши низоми баҳисобгирӣ ба СБҲМ таҳқиқ карда шуда, нақши СБҲМ дар рушди фаъолияти бонкӣ ва бартариҳои истифодаи он аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Танзими меъёрии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо баррасӣ шуда, доир ба такмили асосҳои ташкилию меъёрии пешбурди низоми баҳисобгирӣ ва ташаккули ҳисоботи молиявии ташкилотҳои қарзӣ тавсияҳо пешниҳод шудааст. Марҳилаҳои таҳияи сиёсати баҳисобгирии бонк тибқи СБҲМ (муайян кардани салоҳиятҳои зарурӣ, омӯзиши санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, муайян намудани робитаи байни ҷанбаъҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ, муайян кардани маҳакҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ) коркард ва пешниҳод карда шудааст, ки барои пешбурд ва танзими самараноки равандҳои баҳисобгирӣ мусоидат мекунад.

• Асосҳои назариявӣ ва консептуалии моҳияти ҳисоботи молиявии бонкҳо такмил дода шуда, тафсири муаллифии мафҳумҳои *“низоми ҳисоботи молиявии бонк”, “ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ” ва “ҳисоботи молиявии маҷмуӣ”* пешниҳод карда шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот таснифоти низоми ҳисоботи молиявии бонк аниқ карда шудааст, ки якчанд аломатҳои таснифотиро (аз рӯйи намуд, муҳлати пешниҳод, шакли пешниҳод, таъйинот, динамикаи пешниҳод, ҷамъбасти нишондиҳандаҳо, маркази пешниҳод, сатҳи дастрасӣ) дар бар мегирад. Таснифоти мазкур метавонад барои таҳияи тартибҳо, алгоритмҳо ва расмиёти коркарди иттилооти молиявӣ истифода бурда шавад. Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳо муаммоҳои бо ташаккули ҳисоботи молиявии бонкҳо вобаста шарҳ дода шуда, такя ба таҷрибаи хориҷа тамоюлҳои асосии рушди ҳисоботи молиявии бонкҳо муайян карда шудааст.

• Хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо (танзими пешбурди баҳисобгирӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ аз тарафи БМТ; шакли автоматии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ташкили ҳуҷҷатгардиш; пешбурди баҳисобгирӣ мутобиқи феҳрасти алоҳидаи ҳисобҳо; тартиб додани варақаи гардишии ҳаррӯза ва тавозуни ҳаррӯза; омода кардани ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ ва талаботи иловагии БМТ; гузаронидани намудҳои гуногуни амалиётҳои ғайритавозунӣ; ташкили захираҳо ва фонди махсус барои қарзҳои пешниҳодшуда; баҳисобгирии даромад, хароҷот ва натиҷаи молиявӣ) ошкор карда шудааст. Шаклҳои ҳисоботи молиявии фосилавии бонкҳо (ҳисоботи мухтасар дар бораи ҳолати молиявӣ, ҳисоботи мухтасар дар бораи фоида ва зарар) таҳия ва тавсия карда шудааст, ки барои таъмини иттилоотнокӣ, шаффофият ва муқоисашавандагии маълумоти молиявӣ мусоидат мекунад.

• Муқаррароти назариявӣ ва равишҳои методии таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ тибқи СБҲМ омӯхта шуда, дар заминаи онҳо *методикаи (алгоритми) таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонк* таҳия ва пешниҳод карда шуд. Методикаи пешниҳодшуда ба равиши равандӣ асос ёфта, чор марҳиларо дар бар мегирад: 1) *омодагӣ ва методӣ; 2) амалӣ; 3) ҷамъбастӣ; • баҳодиҳӣ ва назорат.* Хусусияти фарққунандаи методикаи пешниҳодшуда аз равишҳои методии мавҷудбуда дар пайдарҳамии марҳилаҳо ва мавҷудияти расмиёту чорабиниҳои мушаххас зоҳир гашта, дорои тартиби сохторию мантиқӣ мебошад. Истифодаи методикаи мазкур расмиёти муттаҳидкуниро то андозае осон гардонида, барои сарфаи муҳлати таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ мусоидат мекунад. Инчунин, истифодаи равишҳои методии таҳияшуда арзишмандии иттилоотии ҳисоботи молиявии бонкро баланд мебардорад.

• Масъалаҳои такмили низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ таҳқиқ карда шуда, самтҳои асосии такмили асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо пешниҳод карда шудааст, ки расмиёту чорабиниҳои мушаххасро дар бар мегирад. Марҳилаҳои (алгоритми) таҳияи стандарти дохилӣ доир ба ҳисоботи молиявии маҷмуӣ муайян ва пешниҳод карда шудааст, ки татбиқи он самаранокии фаъолияти таҳиягарони ҳисоботро баланд мебардорад. Инчунин, доир ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандони соҳаи муҳосибот ва аудит, такмили низоми омода кардани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавсияҳо пешниҳод шудааст.

• Бо мақсади баҳодиҳӣ ба саҳеҳият ва сифати ҳисоботи молиявии бонкҳо корбурди амсилаҳои америкоӣ ва русии M-score М. Бениш ва M-score М. Роксас дар мисоли ҳисоботи молиявии маҷмуии бонки ватанӣ санҷида шудааст. Исбот карда шудаст, ки амсилаи русии M-score М. Бениш ва M-score М. Роксас барои баҳодиҳӣ ба саҳеҳият ва сифати ҳисоботи молиявии бонкҳо самаранок ва мувофиқтар буда, бо эҳтимолияти мутаносибан 68% ва 70% далелҳои муайян кардани сохтакории ҳисоботи молиявиро нишон медиҳад. Омӯзиш ва истифодаи амсилаҳои муосири муайян кардани аломатҳои сохтакории ҳисоботи молиявӣ ба рушди низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ мусоидат намуда, боиси баланд шудани сифати иттилооти ҳисоботи молиявии ташкилотҳо мегардад.

• Бенчмаркинги молиявии бонкҳо дар асоси маълумоти дастраси ҳисоботи молиявӣ аз рӯйи чор самти асосӣ гузаронида шуда, ба таркиби нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо илова намудани 7 нишондиҳандаи мутлақ тавсия карда шуд. Андозаи меъёрии даромаднокии дороиҳо, даромаднокии сармоя ва даромади фоизии холис пешниҳод карда шуд. Инчунин барои

гузаронидани бенчмаркинги нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо боз илова намудани 5 индикатори молиявӣ пешниҳод карда шуд: даромаднокии сармоягузориҳо (ROI), таносуби даромад бар хароҷот (CIR), арзиши хавф (COR), коэффитсиенти пойгоҳи мизоҷон (CBR), мултипликатор D/E. Натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда ва пешниҳоду тавсияҳо барои фаъолияти самараноки бонкҳо, баланд бардоштани сифати иттилооти молиявӣ, зиёд намудани имкониятҳои иттилоотӣ ва таҳлилии ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад.

Тамоми навгониҳои илмии пешниҳодшуда аҳамияти амалӣ ва назариявӣ, илмӣ доранд ва барои такмили ташкили ҳисоботҳои молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ мусоидат менамоянд.

Сохтори диссертатсия аз мубраммият, гузориши мақсаду вазифа, натиҷагирӣ ва мантиқии алоқамандии онҳо тасдиқ менамояд, ки муаллиф масъалаҳои гузоштаро дақиқ омухта, самтҳои рушди такмили низоми ҳисоботи молиявии бонкҳоро дар шароити истифодабарии СБҲМ таҳлил намудаст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 197 саҳифаи матни компютерӣ баён гардида, аз 26 ҷадвал ва 17 расм иборат аст. Феҳристи адабиёти истифодашуда 187 номгӯйи сарчашмаро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи кор мубрамият, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмети таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методии таҳқиқоти илмӣ муайян карда шудааст.

Дар боби аввал– “**Асосҳои назариявии таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити муосир**” стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва нақши он дар рушди бонкҳо, танзими меъёрӣ-ҳуқуқии низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявии бонкҳо, ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо мувофиқи СБҲМ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар рафти омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои назариявӣ муаллиф қайд намудааст, ки низоми баҳисобгирии муҳосибии ҳар як давлат хусусияти ба худ хос дорад ва ин аз муҳити институтсионалӣ вобастагӣ дорад. Ҳамзамон низоми баҳисобгирӣ дар ташаккули муҳити институтсионалии худ иштирок мекунад. Баъзе низомҳо ба анъанаҳо асос ёфтаанд, ки рушди баъзе амалияи муҳосибиро пешакӣ муайян мекунанд. Дар ин замина муаллиф 5-модели муҳосибиро таҳлил намуда, хулосаҳои дахлдорро манзур намудааст (саҳ 17-19). Инчунин дар боби мазкур муаллифи диссертатсия таҷрибаи ҷаҳонии истифодабарии СБҲМ -ро таҳлил намуда қайд менамояд, ки истифодаи СБҲМ дар сатҳи ҷаҳон аз тарафи давлатҳо торафт зиёд мегардад. Мутобиқи

маълумоти Фонди СБҲМ ба ҳолати моҳи майи соли 2023 истифодаи СБҲМ дар 168 юрисдиксияҳо (jurisdictions) таҳлил карда шудааст ва вобаста ба минтақаҳо ба таври зерин тақсим шудааст (саҳ. 21).

Муаллиф дар диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳо гузариши субъектҳои дорои манфиати умум ва корхонаҳои азими давлатӣ ба СБҲМ, то ҳол тадбирҳои муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки барои ноил шудан ба ҳадафи рушди устувор (инфрасохтор ва саноатикунонӣ) таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии шаффоф ва боэътимод зарурат дорад (саҳ. 23-24).

Муаллиф дар баробари омузиши адабиёти хориҷӣ инчунин дар боби мазкур таҳқиқоти илмии олимони ватаниро низ дар ин самт мавриди омузиш ва таҳқиқ қарор додааст, ки боиси дастгирист (саҳ. 25-29).

Дар боби мазкур расми 1.2.1. муаллиф санадҳои меъёрӣ -ҳуқуқии танзими низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявии ташкилотҳои қарзиро ба чор сатҳ тақсим намудааст (саҳ.33). Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки яке аз ҳуҷҷати меъёрии муҳим дар бахши бонкӣ доир ба низоми баҳисобгирӣ ва ҳисобот, ин *Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии ташкилотҳои қарзӣ* ба ҳисоб меравад (саҳ. 41). Ташкилотҳои қарзӣ ҳисоботро дар шакли электронӣ ва хаттӣ ба БМТ пешниҳод мекунанд. Ҳам барои пешниҳоди ҳисобот ва ҳам бароиислоҳи хатогиҳои дар ҳисоботи электронӣ ошкорнамудаи ташкилоти қарзӣ муҳлат муқаррар карда шудааст. Инчунин, дар ин Тартиб қайд шудааст, ки нусхаи ҳисоботи молиявии солона, аз ҷумла ҳисоботи молиявии маҷмуии солонаи ташкилоти қарзӣ, ки аз аудити беруна гузаштааст, тибқи талаботи қонунгузории соҳаи бонкӣ ба БМТ пешниҳод карда мешавад.

Дар расми 1.3.1. муаллиф қайд менамояд, ки бонкҳо ҳисоботи молиявии худро мутобиқи СБҲМ таҳия намуда, тибқи талаботҳо ба БМТ ва ба истифодабарандагони манфиатдор (инвесторон, қарздеҳон) пешниҳод мекунанд(саҳ. 52). Албатта ин тарзи ба роҳ мондани масъала аз дарки илмии мавзуи мазкур дарак медиҳад. Зеро ҳисоботи молиявӣ бояд ба истифодабарандагони манфиатдор фаҳмо ва дастрас бошад, то онҳо оид ба сармоягузорӣ қарори дахлдор қабул карда тавонанд.

Инчунин дар расми 1.3.2 таснифоти ҳисоботи молиявии бонкҳо гуруҳбандӣ карда шудааст, ки аз рӯйи намуд, асосан ба ҳисоботҳои молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ ва оморӣ тақсим мешавад(саҳ.53). Инчунин муаллиф ҳисоботи молиявии бонкҳоро дар шакли ҳисоботи фосилавӣ, махсус ва маҷмуӣ мавриди омузиш қарор додааст. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллиф талаботҳо доир ба таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии маҷмуӣ дар СБҲМ-ро мушаххас

таҳлил намуда пешниҳод намудааст, ки метавонад барои бонкҳо ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ хизмат намояд (саҳ. 57, ҷадвали 1.3.1).

**Дар боби дуюми диссертатсия – «Арзёбии вазъи муосир ва таъминоти методии таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»,** вазъи муосири рушди низоми бонкӣ ва низоми ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо, хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо, методикаи тартиб додани ҳисоботи молиявии маҷмуии бонкҳо тибқи СБҲМ таҳлил карда шудааст. Боби мазкур сазовори дастгирист, зеро дар ин боб муаллиф вазъи кунунии низоми бонкӣ ва низоми ҳисоботи молиявиро аз диди худ таҳлил намудааст. Муаллифи диссертатсия бештар ба масъалаҳои истифодабарии самаранокии низоми ҳисоботи молиявӣ аз руйи истифодабарии СБҲМ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар ин замина, муаллиф маводи зиёди омории бонкиро таҳлил намуда, фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро пурра мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф на танҳо такмили ташкили низоми ҳисоботҳои молиявии бонкҳо ва истифодабарии СБҲМ, балки фаъолияти бонкҳоро дар самтҳои гуногун таҳлил намудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки: "...ба андешаи мо, истифодабарии СБҲМ барои рушди низоми бонкии кишвар ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо накши босазо дорад. Ҳамзамон, истифодабарии СБҲМ дар амалияи ташкилотҳои ватанӣ, аз он ҷумла дар бонкҳо яке аз омилҳои зиёд шудани ММД кишвар, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба фаъолияти ташкилотҳо, зиёд шудани андозаи пасандози аҳолӣ, зиёд шудани ҳаҷми пешниҳоди қарзҳо барои бизнес, зиёд шудани сармояи оинномавӣ ва фоидаи софи ташкилотҳо ба ҳисоб меравад" (саҳ.75). Ақидаи муаллифи диссертатсия шоёни дастгирист, зеро тамоми гуфтаҳои боло ба самаранокии фаъолияти бонкҳо оварда мерасонанд.

Инчунин, дар ҷадвали 2.1.3 муаллиф истифодаи барномаҳо барои пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳоро оварда қайд намкдааст, ки то чӣ андоза ин барномаҳо дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ истифода карда мешаванд (саҳ. 77).

Муаллиф дар диссертатсия қайд намудааст, ки пешбурди баҳисобгирӣ дар ташкилотҳои соҳаҳои гуногун хусусияти хоси худро дорад. Дар навбати худ пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳо низ дар муқоиса бо дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ (истеҳсолӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ) бо хусусиятҳои муайян фарқ мекунад, зеро раванди фаъолияти бонкҳо бо ҷалби амонату пасандозҳо ва додани қарз вобастагӣ дорад. Аз ин ҷо, ба андешаи мо, муайян намудан ва дарки хусусиятҳои баҳисобгирӣ дар бонкҳо барои ташкили дурусти баҳисобгирии амалиётҳо ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ зарурат дорад (саҳ. 86).

Яке аз бартариҳои ин қисмати кори илмӣ дар он аст, ки муаллиф дар асоси омузиши маводҳои мавҷудаи илмӣ оид ба таҳияи ҳисоботи молиявӣ вобаста ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, усулҳои таҳияи ҳисоботи молиявиро гуруҳбандӣ намудааст (саҳ.103, расми 2.3.1). Инчунин дар саҳифаҳои оянда, муаллиф онро ба таври возеҳ ва фаҳмо шарҳ додааст. Бо муаллиф ҳамфикр шудан мумкин аст, зеро у қайд мекунад, ки айни замон таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ тавассути барномаи MS Excel амалӣ карда мешавад. Бонкҳо аз барномаи бонкии ЦФТ-банк ва ҷамъиятҳои фаръӣ бошанд, аз барномаи 1С:Бухгалтерия истифода мебаранд. Аз ин рӯ, бо сабаби гуногунии барномаҳо истифодаи барномаи MS Excel ба мақсад мувофиқ аст (саҳ. 109). Ин раванд ба фикри мо тақозо менамояд, ки барномаи мушаххаси фарогир бояд коркард карда шавад, то таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ соддатар гардад.

Дар боби сеюми диссертатсия аз ҷониби муаллиф асосан **«Самтҳои асосии рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо»,** такмили асосҳои ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо, амсилаҳои муосири баҳодиҳӣ ба саҳеҳият ва сифати ҳисоботи молиявии бонкҳо, баланд бардоштани имкониятҳои таҳлилии ҳисоботи молиявии бонкҳо мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Дар боби мазкур муаллиф кушиш намудааст, ки ҷиҳати такмили самтҳои муҳими рушди ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо, тавсияҳои муфид манзур намояд.

Яке аз бартариҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки муаллиф дар расми 3.1.1. – чорабиниҳоро доир ба такмили таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо ба таври пай дар пай нишон додааст. Агар дар рафти мукаммалгардонии низоми ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо аз натиҷаҳои бадаст омадаи ин таҳқиқоти илмӣ истифода гардад, ба манфиати кор хоҳад буд (саҳ. 120).

Алгоритми пешниҳоднамудаи муаллиф низ қобили дастгирист, зеро дар он тартиби таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонк мушахас нишон дода шудааст (саҳ.122).

Муаллиф дар 10 банд самтҳои такмилдиҳии рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳоро мушаххас ва пешниҳод намудааст, ки ба манфиати кор мебошад (саҳ. 120-129).

Дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва усулу воситаҳои гуногуни муқоисавӣ муаллиф Бенчмаркингро ҳамчун воситаи муҳим арзёбӣ намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки Бенчмаркинг дорои воситаҳои зиёд мебошад ва яке аз он ин таҳлили муқоисавӣ аст.

Муаллиф қайд менамояд, ки риояи талаботи СБҲМ ва истифодаи самараноки онҳо дар фаъолияти бонкҳо барои ҳалли мушкилот ва ислоҳи сохтакории ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад (саҳ.132).

Дар диссертатсияи мазкур натиҷаи арзишманди дигар, ин модели коркард намудаи муаллиф дар асоси модели M-score M. Бениш мебошад, ки барои муайянсозии сохтакорӣ дар низоми ҳисоботи молиявӣ истифода мешавад (137-146).

Дар хулоса, тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд (саҳ. 167-171).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Ақидаҳои асосии назариявӣ ва методӣ, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ методии рушди такмили ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо дар он намудор мегардад, ки хулосаю тавсияҳои илмии дар диссертатсия оварда шуда, бо далелҳо исбот карда шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти таҳлилу баррасии масъалаҳои таҳқиқшуда, кофӣ будани ҳаҷми диссертатсия, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифҳои муаллиф, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Дар амалия хулоса ва тавсияҳо барои татбиқи натиҷаҳои диссертатсия ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, эътимоднокии таҳқиқоти мазкурро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ "Масъалаҳои мубрами менеҷменти молиявӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рушди инноватсионии иқтисодӣ (Хуҷанд, 2013), Мушкилоти ҷоринамоии технологияи рақамӣ дар самтҳои гуногуни фаъолият (Екатеринбург, 25 апрели соли 2023), «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» (Қисми 2) (Душанбе, соли 2022), қироат шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии** диссертатсия дар асосноккунии назариявӣ ва методии такмили ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ зоҳир мегардад. Самтҳои асосии такмили низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ муайян карда шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар коркарди тавсияҳои методӣ ва амалии мушаххас оид ба такмили таъминоти ташкилию

методии низоми ҳисоботи молиявӣ дар бонкҳо ва роҳҳои баланд бардоштани шаффофияти иттилооти он ифода меёбад.

**Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия** дар рушди низоми ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо намудор мегардад. Истифодабарии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия оварда шуда, барои баланд бардоштани вазъи иқтисодии бонкҳо мусоидат менамояд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти дар диссертатсия овардашуда, барои беҳтарсозии вазъи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат хоҳад намуд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд, шаффофияти ҳисоботҳои молиявии бонкҳоро, дар ҷалби бештари амонатҳову пасандозҳо ва зиёд кардани захираҳои қарзии бонкӣ, таъмини устувории молиявӣ ва баланд шудани рейтинги бонкҳо, баланд шудани сифати иттилооти молиявӣ, зиёд шудани боварии мизоҷон ба бонк, паст шудани хавфҳои бонкӣ, хизматрасонии босифат ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ мусоидат.

### Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 16 мақолаҳои илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии 9,4 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 8,5 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯйи маҷаллаву нашрияҳои тақризшавандаи шомили КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия нашр гардидааст.

### Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми

диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд ва асосҳои илмию амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Ғайр аз ин, меъёрҳои дигари диссертатсия нисбат ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ ҳангоми навиштани диссертатсия риоя гардидаанд. Диссертатсия ба талаботҳои «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани унвонҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар рушди такмили ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ мавриди истифода қарор гиранд.

**Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:**

1. Хуб мешуд, агар дар автореферат муаммоҳо ва монеаҳо дар татбиқи СБҲМ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба таври кофӣ нишон дода шаванд;
2. Унвонҷӯ муайян накардааст, ки то кадом андоза ба эътимоднокии маълумоти ҳисоботи молиявии интишоршудаи бонкӣ такя кардан мумкин аст, агар тасдиқи ҳисоботи онҳо ҳар сол тавассути аудити беруна бошад;
3. Дар автореферат маълумот дар бораи ташкилотҳои қарзие, ки мавриди омӯзиши дараҷаи шаффофият ва меъёрҳои интихоби онҳо фаро гирифта шудаанд, ифшо нагардидааст.
4. Кор бурд мекард, агар раванди таҳияи ҳисоботи молиявии фосилавии бонкҳо, ки бо марҳила ва расмиётҳои оварда шудаанд, пурра тавсиф карда мешуд.
5. Хуб мешуд, агар унвонҷӯ сабабҳои пурра нашр нагардидани ҳисоботи молиявии бонкҳоро баррасӣ мекард, зеро аз ин сабаб аз тарафи бонкҳо шаффофияти иттилооти ҳисоботи молиявӣ пурра таъмин карда намешавад.

**Хулоса**

Диссертатсияи тақризшаванда кори илмии ба анҷомрасида баҳисоб рафта, арзиши баланди илмӣ дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исоев Диловарҷон Талисович дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳамияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи

бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 367 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он – Исоев Диловарҷон Талисович барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08-Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

**Дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ**
**ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати**
**Тоҷикистон, доктори фалсафа (PhD)**
**- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800** **Давлатов А.А.**

***Имзои дотсент*** **Давлатов А.А.*-ро***
***тасдиқ мекунам.***
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишгоҳи**
**давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Пирзода С.С.**
30 январи соли 2022

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кучаи Деҳоти 1/2. телефон:**
**(+992 37) 234-00-31, почтаи электронӣ: accounting.tj@mail.ru,**
**тел: (+992 93) 722-05-96**